# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ), шаҳри Душанбе, 2026. - 180 с.**

Мубрамии мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда ҳам аз лиҳози аҳаммияти илмӣ ва ҳам зарурати таҳқиқи масъалаҳои умдаи таърихи навини халқи тоҷик бар меояд. Омӯзиши равандҳои ташаккул ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти муосири таърихшиносӣ ба шумор рафта, барои дарки амиқи хусусиятҳои рушди ҷомеаи тоҷик дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ аҳаммияти назаррас дорад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки таърихи рушди ноҳияи Масчоҳ дар давраи солҳои 1955–2021 ҳамчун як ҷузъи муҳимми таърихи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ба таври муназзам ва фарогир мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Дар ин замина, таҳлили равандҳои вобаста ба ташаккули сохторҳои иқтисодӣ, дигаргуниҳои иҷтимоӣ, рушди соҳаҳои фарҳангӣ, инчунин таъсири омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба ҳаёти аҳолии ноҳия аҳаммияти махсуси илмӣ касб менамояд.

Муаллифи диссертатсия бо истифода аз маҷмуи васеи сарчашмаҳои хаттӣ, маводи бойгонӣ, санадҳои расмӣ, маълумоти оморӣ ва таҳқиқоти илмии мавҷуда кӯшиш намудааст, ки марҳалаҳои асосии рушди ноҳияи Масчоҳро дар заминаи воқеияти таърихӣ таҳлил ва арзёбӣ намояд. Чунин муносибати илмӣ имконият фароҳам овардааст, ки хусусиятҳои хоси дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа дар давраи мавриди омӯзиш муайян гардида, нақши он дар раванди рушди умумии ҷомеаи Тоҷикистон нишон дода шавад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур на танҳо барои такмили заминаи сарчашмашиносӣ ва таҳқиқоти таърихии вобаста ба таърихи маҳалл, балки барои ғанӣ гардонидани дониши илмӣ оид ба равандҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар он собит мешавад, ки бори аввал дар таърихи илми ватанӣ дар асоси таҳлили доираи васеи маводи бойгониҳо, маълумоти омориву санадҳои меъёрӣ,

ҳуҷҷатҳои расмӣ ва адабиёти илмӣ таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021) дар шакли низомнок ва марҳала ба марҳала мавриди омӯзиш қарор гирифааст. Муаллиф муваффақ шудааст, ки таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар ташаккули заминаҳои иқтисодии давлат исбот намояд; нақши таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар татбиқи стратегияҳои давлатӣ ба таври илмӣ нишон диҳад.

Диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуи мазкур нишон медиҳанд. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳимми таърихнигории муосири тоҷик мебошад, ки барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Дараҷаи илмии эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот ба истифодаи заминаи васеи сарчашмаҳои таърихӣ, бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ асос ёфтааст. Довталаб маҷмуи васеи асарҳо, паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарчашмаҳои аслии бойгониҳоро, ки зиёда аз 50 фондҳои бойгонии марказию вилоятиву ноҳияро дар бар мегирад, инчунин, санадҳои расмии давлатӣ, маълумоти оморӣ ва матбуоти давриро ҷалб намудааст. Истифодаи методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва равиши низомнокӣ имкон додааст, ки хулосаҳои муаллиф устувор ва аз нигоҳи илмӣ асоснок бошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи маҷмуи сарчашмаҳои таърихӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, санадҳои расмӣ, маводи оморӣ ва адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ асос меёбад. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таърихӣ-хронологӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлил ва таркиб, низомнокӣ ва оморӣ равандҳои асосии ташаккул ва рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳро дар солҳои 1955–2021 мавриди таҳлил қарор додааст.

Таҷрибаи таърихии ноҳияи Масчоҳ собит месозад, ки барои таъмин намудани пешрафти маҳаллаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ бояд ҳамвора ҳамоҳангии стратегияи давлатӣ ва иштироки фаъоли аҳолӣ таъмин гардад.

Ҳамчунин, хулосаҳои таҳқиқотӣ ва таҳлилҳои илмии дар диссертатсия овардашуда имконият медиҳанд, ки ҷараёни ташаккул ва рушди ҳаёти

иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-2021 ба таври дақиқу асоснок нишон дода шавад. Ин натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таълифи асарҳои ҷомеи бунёдӣ оид ба таърихи халқи тоҷик ва вилояти Суғд мавриди истифода қарор гиранд, ва ба густариши илмӣ таърихнигории муосири Тоҷикистон хидмат намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёту интишороти довталаб иборат аст. Сохтори диссертатсия мантиқӣ буда, ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад ва муҳтавои он ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 180 саҳифаи чопи компютерӣ буда, феҳристи манобеъ ва дигар сарчашмаҳои истифодашуда аз 167 номгӯй иборат мебошанд.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ба **«Азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ»** бахшида шуда, муаллиф замина ва сабабҳои асосии азхудкунии заминҳои нав ва муҳоҷир намудани сокинони Кӯҳистони Масчоҳ ба дашти Дилварзин ва ташкилёбии ноҳияи нави Масчоҳро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, омӯзиши масъалаи мазкур дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ то андозае инъикос ёфта бошад ҳам, таҳқиқоти комплексии фарогири тамоми бахшҳои соҳа умуман кам ба назар мерасад.

Дар зербоби якум «**Азхудкунии заминҳои дашти Дилварзин ва муҳоҷиркунонии масчоҳиён**» доираи васеи адабиёти илмӣ, санадҳои бойгонӣ, маводи оморӣ ва нашрияҳои даврӣ таҳлил гардида, арзиши илмии онҳо муайян карда шудааст. Муаллиф методҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва системавиро самаранок истифода бурдааст.

Муаллифи диссертатсия қайд, менамояд, ки азхудкунии дашти Дилварзин ҳамчун ҷузъи сиёсати умумитифоқии рушди комплекси аграрӣ-саноатӣ арзёбӣ гардида, робитаи мутақобилаи сиёсати давлатии обёрӣ, сохтмони гидроэнергетикӣ ва муҳоҷиркунонии аҳолиро дар раванди рушди иқтисодии Тоҷикистон равшан нишон медиҳад. Таҳлили ин раванд собит месозад, ки дастовардҳои иқтисодӣ дар баробари афзоиши иқтидори истеҳсолӣ бо тағйироти амиқи иҷтимоӣ, демографӣ ва ҳудудӣ ҳамроҳ буда, таҷрибаи муҳимми таърихӣ барои омӯзиши сиёсати азхудкунии заминҳои нав ва

идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, арзиши илмии таҳқиқотро боло мебарад.

Дар зербоби дуюми боби аввал - **«Ташкилёбии ноҳияи нави Масчоҳ»,** бевосита раванди ташкилёбии ноҳияи нав бо ҳама зерсохторҳояш омилҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки ба рушди ноҳия дар минтақа таъсир расонидааст, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дуруст аст, ки аз нигоҳи илмӣ, муҳоҷиркунонии аҳолии Кӯҳистони Масчоҳ ба дашти Дилварзин намунаи татбиқи сиёсати давлатии азхудкунии заминҳои нав дар Иттиҳоди Шуравӣ буда, он бо рушди инфрасохтори гидротехникӣ, ташкили воҳидҳои нави маъмурӣ ва густариши истеҳсолоти пахтакорӣ робитаи мустақим дошт. Таҳлил нишон медиҳад, ки ин раванд, сарфи назар аз мушкилоти ташкилию иҷтимоӣ ва таъхир дар сохтмони манзилу инфрасохтор, ба ташаккули ноҳияи нави Масчоҳ, истифодаи самараноки захираҳои замин ва таҳкими иқтидори аграрии шимоли Тоҷикистон заминаи устувор фароҳам овард.

Боби дуюми диссертатсия – **«Ноҳияи Масчоҳ ва рушди он дар замони шуравӣ (1955-1991)»** таҳқиқи масъала дар он буд, ки дар солҳои 1955–1985 муҳоҷирати аҳолӣ аз ноҳияҳои кӯҳӣ ба заминҳои нави Дилварзин ва азхудкунии онҳо барои рушди пахтакорӣ, бунёди инфрасохтор ва ташкили хоҷагиҳои нави кишоварзӣ замина фароҳам овард. Дар натиҷа ноҳияи нави Масчоҳ ба яке аз марказҳои муҳимми истеҳсоли пахта ва минтақаи пешрафтаи кишоварзии ҷумҳурӣ табдил ёфта, дар баробари рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба буҷаи давлат низ даромади назаррас ворид мекард. Муаллифи диссертатсия бо ҷалби доираи васеи манобеи илмӣ ва бойгонӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавонистааст маълумотҳои то ҳол маҳфузмондаро истифода намуда, зарурати таҳқиқоти фарогирро асоснок намояд. Аз нигоҳи методологӣ низ истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва таҳлили оморӣ ба таҳқиқот хусусияти илмии амиқ мебахшад.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия Масчоҳ дар солҳои 1955-1991»** муаллиф сиёсати азхудкунии заминҳои бекорхобида ва муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар ноҳияи Масчоҳ заминаи ташаккули як маркази нави кишоварзӣ, пеш аз ҳама пахтакориро фароҳам овард. Сармоягузории давлатӣ, ташкили инфрасохтор, ҷорӣ намудани технологияҳои нави кишоварзӣ ва омода намудани кадрҳои соҳибихтисос боиси афзоиши босуръати истеҳсолот, даромади хоҷагиҳо ва саҳми назарраси ноҳия дар иқтисоди ҷумҳурӣ гардид. Ҳамзамон, вобастагии соҳаи кишоварзӣ аз омилҳои табиӣ, аз ҷумла хушксолӣ ва камобӣ, нишон медиҳад, ки рушди

иқтисодии ноҳия на ҳамеша устувор буда, ба таъсири шароити иқлимӣ низ сахт вобаста будааст.

Дар зербоби дуюм **«Ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии Масчоҳ дар замони шуравӣ»** диссертант оид ба мушкилоти давраи ҷанг ва тадбирҳои барқарорсозии баъдиҷангӣ таҳлил намуда, саҳми аҳолӣ на танҳо дар рушди иқтисодӣ, балки дар ташаккули низоми нави маориф, тандурустӣ ва ҳаёти фарҳангӣ низ заминаи устувор гузошт. Бо вуҷуди маҳдудияти пойгоҳи моддию техникӣ ва норасоии кадрҳо дар солҳои аввал, тавассути дастгирии давлатӣ ва саҳми фаъолонаи аҳолӣ шабакаи муассисаҳои иҷтимоӣ тадриҷан густариш ёфта, сатҳи саводнокӣ, хизматрасонии тиббӣ ва фаъолияти фарҳангӣ ба марҳалаи сифатан нав расид. Ҳамзамон, муҳоҷирон дар баробари бунёди муҳити нави зист, суннатҳои таърихию фарҳангии худро ҳифз намуда, онҳоро ҳамчун ҷузъи муҳимми ҳувияти маҳаллӣ дар ноҳияи нав ташаккул ва идома доданд.

Боби сеюм ба **«Ноҳияи Масчоҳ дар замони истиқлол (1991-2021)»** бахшида шудааст. **Дар зербоби якум «Истиқлол ва рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ноҳияи Масчоҳ»** таҳқиқ гардида, муаллиф бо такя ба далелҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ноҳияи Масчоҳ, дар маҷмуъ, дар давраи соҳибистиқлолӣ дар натиҷаи татбиқи ислоҳоти иқтисодиву аграрӣ, рушди бахши хусусӣ ва дастгирии давлатии соҳаҳои истеҳсолӣ ба марҳалаи нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ ворид гардид. Афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ, ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ, баланд гардидани нишондиҳандаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва густариши инфрасохтори истеҳсолӣ аз муҳимтарин натиҷаҳои ин раванд ба ҳисоб мераванд.

Бо такя ба маълумоти оморӣ ва сарчашмаҳои бойгонӣ метавон хулоса намуд, ки ҳамгироии сиёсати давлатии рушди минтақаҳо, татбиқи ислоҳоти замин ва фаъолияти соҳибкорӣ барои таҳкими иқтидори иқтисодии ноҳияи Масчоҳ заминаи устувор фароҳам оварда, имкониятҳои нави рушди саноат ва кишоварзиро дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин намудааст, ки ин арзиши илмии таҳқиқотро тақвият мебахшад.

**Зербоби дуюми боби сеюм «Ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлолият»**-ро дар бар мегирад, ки дар он муаллифи диссертатсия ба таври асоснок марҳалаҳои асосии раванд рушди онро нишон медиҳад. Бо назардошти таҳлили сарчашмаҳои оморӣ ва бойгонӣ метавон хулоса намуд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ ноҳияи Масчоҳ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш ба пешрафти ниҳоят назаррас ноил гардида, заминаҳои рушди устувори сармояи инсонӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ таҳким ёфтанд.

Афзоиши шумораи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ, беҳтар гардидани сатҳи таъминот бо кадрҳои соҳибтахассус ва густариши хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз натиҷаҳои муҳимми сиёсати давлатии рушди иҷтимоӣ дар ноҳия ба шумор меравconfigand.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи ноҳияи Масчоҳ нишон медиҳад, ки ҳамгироии сиёсати давлатии иҷтимоӣ, дастгирии соҳаҳои маорифу фарҳанг ва иштироки фаъоли ҷомеаи маҳаллӣ дар татбиқи барномаҳои рушд барои баланд бардоштани сатҳи маърифат, беҳтар гардидани сифати зиндагии аҳолӣ ва таҳкими рушди устувори иҷтимоӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Муаллиф бо далелҳои амиқ, яъне бо нишон додани рақамҳо ва таҳлили амиқ асоснок менамояд, ки сиёсати давлатӣ дар самти рушди деҳот дар давраи истиқлол ба тақвияти ваҳдати миллӣ ва пешрафти иқтисоди кишвар таъсири мусбат расонидааст.

Дар баробари ин, метавон қайд кард, ки диссертатсия бо як қатор дастовардҳои назаррас ва ҷиҳатҳои мусбат фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, интихоби мавзуи таҳқиқотӣ аз нигоҳи илмӣ муҳим ва замонавӣ буда, ба масъалаҳои мубрами рушди инфрасохтори он бахшида шудааст. Муаллиф дар диссертатсия доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ ва бойгониро ҷалб намуда, барои таҳлил маводи зиёди воқеиро истифода бурдааст, ки ин ба эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, дар таҳқиқот масъалаҳои таърихии рушди кишоварзию саноатии ноҳия ба таври амиқ баррасӣ гардида, равандҳои асосии ин соҳа бо диди илмӣ таҳлил шудаанд. Истифодаи дурусти маълумоти оморӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ба мустаҳкам шудани асосҳои илмии кор мусоидат намудааст. Дар баробари ин, риояи мантиқи илмӣ ва пайдарҳамии таҳлил дар тамоми бобҳо ба равшанӣ ва фаҳмо будани мазмуни диссертатсия мусоидат кардааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳим инчунин хулосаҳои асоснокшуда ва тавсияҳои амалӣ мебошанд, ки онҳо дорои арзиши воқеӣ барои истифода дар амал ҳастанд. Умуман, натиҷаҳои таҳқиқот ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аҳаммияти баланд дошта, метавонанд дар рушди минбаъдаи ноҳия ва соҳаҳо, ва умуман инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ ва таҳкими сиёсати давлатӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот**. Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар асоси маводи бойгонӣ, санадҳои расмӣ, маълумоти оморӣ ва адабиёти илмӣ таърихи рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955–2021 ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши таърихи навтарини

Тоҷикистон ва такмили таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таърих аҳаммияти назариявию илмӣ доранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки маводи диссертатсия метавонад дар раванди таълими фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон» ва дигар курсҳои таърихӣ, инчунин ҳангоми таҳияи асарҳои илмӣ оид ба таърихи Тоҷикистон ва вилояти Суғд мавриди истифода қарор гирад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи мавзуи диссертатсия 4 мақола дар маҷаллаҳо (нашрияҳо)-и илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар сатҳи конференсияҳо ба нашр расонидааст, ки пурра ба талаботи сархати аввали банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй мебошад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия мутобиқ ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқат менамояд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки ба диссертатсия дода мешавад, инчунин аҳаммияти илмӣ, сифати баланди таҳқиқот ва саҳми назарраси шахсии муаллиф дар анҷоми он, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо дар оянда метавонад ба такмили минбаъдаи муҳтаво ва баланд бардоштани арзиши илмии таҳқиқот мусоидат намояд:

1. Дар диссертатсия масъалаи таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба тағйирёбии сохтори иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии аҳолии ноҳияи Масчоҳ ба таври умумӣ инъикос ёфтааст. Баррасии муфассали ин раванд метавонист доираи таҳлили илмии таҳқиқотро васеътар намояд;

2. Ҳангоми таҳлили рушди соҳаи маориф ва фарҳанг дар солҳои истиқлолият ба нақши муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ дар омодасозии мутахассисони маҳаллӣ таваҷҷуҳи бештар додан зарур буд ва ин имкон медод, ки тағйироти иҷтимоии таркиби аҳолии ноҳия ҳамаҷониба тасвир ёбад;

3. Хотироти иштирокчиён ва шоҳидони таърихи раванди азхудкунии заминҳои нав ва ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ ҳамчун манбаи боэътимод метавонанд барои таҳқиқоти таърихшиносӣ хизмат намоянд. Аз ин рӯ, агар унвонҷӯ онҳоро ҷамъоварӣ намуда, ба шакли муфассалтар истифода менамуд, ба мазмуни рисола боз бештар тасир мерасонд;

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе норасоиҳои ҷузъии имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Мулоҳизаҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ ва машваратӣ дошта, ба арзиши умумии илмӣ, навгонӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ нарасонидаанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)» барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) як таҳқиқоти мукаммал, мустақил ва анҷомёфтаи илмӣ буда, дар он масъалаи муҳимми таърихи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии яке аз ноҳияҳои калони агросаноатии ҷумҳурӣ инъикоси худро ёфтааст. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои таърих, муовини**
**ректор оид ба илм ва инноватсияи**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Суроға:** 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд,
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, кучаи Ҷӯрабой Солиев 104.
Тел: (+992) 927889819.
E-mail:furkat.hamidov@mail.ru

*Имзои Ҳомидзода Ф.М.- ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси Донишгоҳи**
**давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон** **Бобоев А.Х.**
**“27” 08 2026**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ:** 735717, ш. Хуҷанд. мик. 17, х.1
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811,
Факс: +992342225170
E-mail: tsulbp@rambler.ru